# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

Дар бораи Муассисаи давлатии "Маркази илмии саратоншиносӣ"

Мутобиқи моддаи 58 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Маркази ҷумҳуриявии онкология ба Муассисаи давлатии "Маркази илмии саратоншиносӣ" табдил дода шавад.

2. Банди 2 Номгӯи корхонаҳо ва ташкилоту муассисаҳои ғайритиҷоратие, ки ба моликияти ҷумҳуриявӣ мансуб буда, фаъолияташонро дар соҳаи тандурустӣ дар асоси шартҳои созишномаҳои дуҷониба бо Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон басташаванда анҷом медиҳанд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2001 № 321 "Дар бораи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ шудааст, дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"Муассисаи давлатии "Маркази илмии саратоншиносӣ".

3. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ташкилию ҳуқуқиеро, ки ба табдил ёфтани Маркази илмии мазкур тааллуқ доранд, ҳал намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 7 сентябри соли 2006 № 415

ш. Душанбе